***ТДУ 93***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-34-39***

***ЗУҲУРИ ШАРОИТИ СИЁСӢ БАРОИ ТАСХИРИ ОСИЁИ МИЁНА АЗ ҶОНИБИ РУСИЯИ ПОДШОҲӢ ( АЗ МАЪХАЗҲОИ ИБТИДОӢ)***

***Саидов Султон Махмадович**, н.и.ф., дотсент; **Қурбонова Гуландом Тохировна,** муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии ДДТТ (Тоҷикистон, Душанбе)*

***ВОЗНИКНОВЕНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ПРЕДПОСЫЛКИ ЗАВОЕВАНИЯ СРЕДНЕЙ АЗИИ ЦАРСКОЙ РОССИЕЙ (ПО ПЕРВОИСТОЧНИКАМ)***

***Саидов Султон Махмадович**, к.ф.н., доцент; **Курбонова Гуландом Тохировна,** старший преподаватель кафеды гуманитарных наук ТГУК (Таджикистан, Душанбе)*

***POLITICAL PRECONDITIONS FOR THE CONQUEST OF CENTRAL ASIA BY RUSSIA (ACCORDING TO PRIMARY SOURCES)***

***Saidov Sulton Makhmadovich**, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor; **Kurbonova Gulandom Tohirovna,** Senior Lecturer of the Department of Humanities, Tajik State University of Commerce (Tajikistan, Dushanbe)*

***Вожаҳои калидӣ:** Осиёи Миёна, асри XVIII, ибтидои асри XX, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, муносиботи дипломатии кишварҳо, Русия ва Англия.*

*Дар сиёсатҳои геополитикӣ ва минтақавии қудратҳои бузург, чун Русия, Британияи кабир ва Туркияи усмонӣ дар асри XVIII, ибтидои асри XX, ташаннуҷи мубориазаҳои сиёсӣ миёни онҳо, хусусан миёни Русия ва Англия барои соҳиб шудан ба Осиёи Миёна авҷ мегирифтанд. Пушида нест, ки Русия дар муносиботи сиёсӣ-дипломатии хониҳои Осиёи Миёна дар охири асри XVIII ибтидои асри XX, ҷойгоҳи калон дошт. Тоҷирон низ дар рушди муносибатҳои дипломатии хониҳои Осиёи Миёна бо мамолики ҳамҷавор дар охири асри XVIII - ибтидои асри XX, нақши муайян доштанд. Зимни таҳқиқи масоили таърихнигории таърихи муносиботи байнидавлатии халқҳои Осиёи Миёна дар охири асри XVIII - ибтидои асри XX муаллифони сарчашмаҳои таърихӣ ба омӯзиши осори гуногуни таърихӣ, мисли ёддоштҳои таърихии ашхоси гуногун, сафарномаҳо, қайдҳои сафар дар саҳифаҳои дафтари хотироти сафирон, тоҷирон, сайёҳон, асирони дур аз ватан монда ва ғайраҳо пардохтаанд, ки асоси мавзуи таҳқиқотии олимони таърихнигор гаштааст. Фаро гирифтани муҳтавои ҳама осори хаттӣ ва сарчашмаҳои бо хатти арабиасоси тоҷикӣ нигошта шуда аз имконият берун аст. Лекин, ба қадри имконият аз ҳамаи сарчашмаҳои дастрас барои равшан намудани вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва муносиботи дипломатии кишварҳои Осиёи Миёна бо ҳамсоякишварҳо дар охири асри XVIII - ибтидои асри XX истифода кардан мумкин аст.*

***Ключевые слова:** Средняя Азия, XVIII век, начало XX века, политическое и экономическое положение, дипломатические отношения стран, Россия и Англия.*

*В геополитической и региональной политике великих держав, таких как Россия, Великобритания и Османская Турция, в восемнадцатом, начале двадцатого веков обострилась напряженность политической борьбы между ними, особенно между Россией и Англией за обладание Средней Азией. Не секрет, что Россия занимала большое место в политико-дипломатических отношениях среднеазиатских ханств конца XVIII-начала XX века. Торговцы также играли определенную роль в развитии дипломатических отношений среднеазиатских ханств с сопредельными государствами в конце XVIII - начале XX веков. В ходе изучения историографических вопросов истории межгосударственных отношений народов Средней Азии в конце XVIII-начале XX веков авторы исторических источников занимались изучением различных исторических артефактов, таких как исторические записи различных лиц, путевые заметки, путевые заметки на страницах записных книжек послов, торговцев, туристов, изгнанников и т. д., которые стали основой для изучения учеными-историками.*

***Keywords**: Central Asia, 18th century, early 20th century, political and economic situation, diplomatic relations of countries, Russia and England.*

*In the geopolitical and regional politics of great powers such as Russia, Great Britain and Ottoman Turkey, in the 18th and early 20th centuries, the tension of the political struggle between them intensified, especially between Russia and England for the possession of Central Asia. It is no secret that Russia occupied a large place in the political and diplomatic relations of the Central Asian khanates in the late 18th and early 20th centuries. Merchants also played a certain role in the development of diplomatic relations between the Central Asian khanates and neighboring states in the late 18th and early 20th centuries. In the course of*

*studying the historiographical issues of the history of interstate relations of the peoples of Central Asia in the late 18th and early 20th centuries, the authors of historical sources studied various historical artifacts, such as historical records of various individuals, travel notes, travel notes on the pages of notebooks of ambassadors, traders, tourists, exiles, etc., which became the basis for study by historians.*

Тибқи ахбори муҳаққиқони осор ва сарчашмаҳои таърихии ба мо дастрас маълум мешавад, ки нимаи дувуми асри XVIII ва ибтидои асри XX, халқҳои Осиёи Миёна давраи вазнин, пурнизоъ ва нооромро аз сар гузаронидаанд. Мутаассифона, ахбори сарчашманигорони давраи мазкур ба тамом мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Барои омӯхтани таърихи муносибатҳои байнидавлатии хонигариҳои Осиёи Миёнаи охири асри XVIII -ибтидои асри XX сарчашмаҳо фаровонанд, аммо ба гумони ин ҷониб, танҳо аз сабаби беҳавсалагии муҳаққиқон ҳамаи саҳифаҳои арзишманди сарчашмаҳои таърихӣ, ки равшангари воқеаҳои сиёсиву дипломатии ҳамин давраанд, мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Аз таърихи равобити сиёсӣ-дипломатӣ ва иқтисодӣ-тиҷоратии хониҳои Осиёи Миёна бо халқҳои славянӣ, то ишғол шудани сарзамини Осиёи Миёна аз ҷониби русҳо, дар сарчашмаҳо маълумоти нодир мавҷуданд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо ирсоли сафоратҳои байнидавлатии Русия ва хонии Осиёи Миёна ба самти ҳамдигар, асосан аз миёнаҳои асри XVI шурӯъ шудааст. Тиҷорати кишвари Рус бо мамлакатҳои Осиёи Миёна тавассути баҳри Хазар (Каспий) амалӣ мешудааст. Бо ташкил ёфтани хонии Қазон (соли 1552), Астрахан (соли 1556), Сибири Ғарбӣ (соли 1581) ва ҳамроҳ шудани онҳо ба давлати Рус, алоқаҳои тиҷоратӣ бо ташкили марказҳои тиҷоратӣ ва табодули сафирон бо хонии Осиёи Миёна рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Барои ворид шудан ба сарзаминҳои Осиёи Миёна, русҳо хостанд, ки нахуст, аз қисмати ба онҳо наздик, яъне Хива оғоз намоянд. Ҳамин тавр ҳам карданд, аммо нахустин амалҳои шитобзадагии русҳо, онҳоро ба шикаст мувоҷеҳ гардонд. Ҳарчанд русҳо то ба тахт нишастани Пётри I дар орзуи доштани муносибати хуби сиёсию тиҷоратӣ бо кишварҳои Шарқ, бахусус хонии Осиёи Миёна буданд, лекин азму ҷазми шоҳи рус Пётри I дар ин масъала қатъитар менамуд. Дар соли 1700 – сафири давлати Хива ба қабули Пётри I меояд ва хоҳони муносиботи хуби байнидавлатӣ мешавад. Дархости ҷониби хивагиҳо бо ифтихор қабул карда мешавад. Пас аз рӯйдоди воқеаи мудҳиш дар Хива, ки бо фиристодаи Петри 1 - Черкасский ба амал омад, дар муносиботи сиёсӣ, дипломатии ду минтақа, Русия ва Осиёи Миёна қариб 100 сол хомӯшии тулонӣ ба амал меояд. Пётри I дар соли 1725 вафот кард. Ба ҷои ӯ Екатеринаи I ба тахт нишаста буд. Аммо, ҷойнишинони Пётри I мисли ӯ дурандеш ва қавиирода набуданд. Дар давраи ҳукмрони Екатеринаи I ва ворисони ӯ муносибати тиҷоратӣ бо хонии Осиёи Миёна хеле ҳам дар дараҷаи паст қарор дошт. Албатта, нақшаҳои кашидаи Петри 1 пас аз маргаш дар асрҳои оянда амалӣ шуданд, лекин метавон ҳадс зад, ки ин ташаббусҳои пас аз марги ӯ амалӣ шударо қадамҳои аввалини истеъморгарии Русия дар Осиёи Миёна ҳисобидан мумкин аст. Ба нокомӣ дучор шудани эъзомияи Б.Черкасский ва аз изҳороти хон Шерғозӣ ба сафир Ф.Беневинӣ, моро водор мекунад ба хулоса оем, ки куштори аъзои сафорат, бесабаб набудааст. Дар вохӯрии хони Хива Шерғозӣ бо сафир Ф.Беневини, хон таъкид менамояд, ки русҳо бо нияти ишғол кардани Хива омада буданд, Б.Черкасский бошад, нияти хони Хива шуданро доштааст, аз ин рӯ, онҳо (ҳайати сафорати Б.Черкасский.С.С.) ба чунин ҷазо гирифтор шуданд. Аммо, дар сафоратҳои пас аз ин сурат гирифта то соли 1858, то сафорати полковник Игнатев Н. ба Бухоро, мо муътадилшавии вазъи сиёсиро миёни ду кишвар мушоҳида намекунем [4, с.544].

Ирсоли сафорати русҳо ба Осиёи Миёна ва аз Бухорою Хива ба Русия дар асрҳои XVI оғоз ёфта, то охири асри XIX давом кардааст. Сафирон асосан аз Бухоро ва Хива ба шаҳрҳои Петербург, Нижний Новгород меомаданд, ки мақсадашон ривоҷ бахшидани алоқаҳои тиҷоратӣ будааст. Молҳое, ки дар Русия савдо мешуданд асосан меваи хушк, полуфабрикатҳо, маҳсулоти хом ва қариб 25% - ро нахи пахта ташкил менамуд. Молҳое, ки аз Русия ба Осиёи Марказӣ оварда мешуданд, маҳсулоти тайёр аз металл (15%), тахтачаҳои мисӣ, пулод, чугун буданд. Азбаски Русия нисбати хониҳои Осиёи Миёна кишвари саноатӣ ба ҳисоб мерафт ва тоҷирони рус бештар маҳсулоти саноатиашонро ба Осиёи Миёна меоварданд. Русия низ барои Осиёи Миёна муҳим буд. Тавассути корвони тиҷоратӣ, ашхоси гуногун, аз қабили сайёҳону ҷосусон, олимон, муҳандисон, пизишкон, кишваршиносон низ ба сарзамини ҳамдигар равуо мекарданд. Аз ҷониби дигар, мо дар ҳамин солҳо ташаннуҷи сиёсиро миёни ду абарқудрат - Русия ва Британияро мушоҳида мекунем, ки он то оғоози асри XX идома пайдо мекунад. Қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ - Русия ва Британия барои ба даст овардани сарзаминҳои нав ҳамеша даргири ҳамдигар буданд. Русҳо барои дастрасӣ ба аҳдофи хеш, ки он аз забти Осиёи Миёна иборат буд, лаҳни тунд ва зӯри силоҳро пеш гирифтанд. Дар оғоз, дар юришҳо, тасарруфнамоии заминҳои ҳамсоягон, ғорат кардани молу мулки онҳо, на қувваҳои ҳарбии давлатӣ, балки қувваҳои худгардони казакҳои рус нақши бузург

доштанд, ки тобеи давлат набуда, озодона фаъолият мекарданд. Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки бо гузашти солҳо ва асрҳо, амалкарди черикҳои рус (казакҳо) на танҳо ба манфиати шахсии онҳо, балки бештар ба манфиати давлати бузурги Рус анҷомидааст. Сарзаминҳое, ки казакҳо тасарруф мекарданд, имрӯз дар харитаи ҷуғрофиёию сиёсии Русия бо номи вилоятҳои худмухтори Русияи паҳновар номгузорӣ шудааст. Бо истилоҳи А.Шепелев, ҳамон вакт забткориҳо авҷ мегиранд, ки савдогарони рус ва кӯчманчиёни шимоли Осиёи Миёна бо ҳам даргир мешаванд ва чунин задухӯрдҳо бо ғалабаи аввалиҳо анҷом мепазиранд [7, с.88]. Танҳо пас аз ба сари қудрат омадани Пётр Алексеевич дар сарзамини Рус тағйироти ҷиддӣ дар ҳама соҳаҳо ба амал омад. Муаллифи китоби «Очерки муносибатҳои ҳарбӣ ва дипломатии Русия бо Осиёи Миёна» А.Шепелев дуруст қайд мекунад, ки сабаби пешравиҳои мамолики Ғарб аз он аст, ки русҳо сарҳадро ба рӯи кӯчманчиёни шарқӣ бастанд ва роҳи ба сарзамини давлатҳои Ғарб воридшавии онҳоро гирифтанд [7, с.18]. Бисёр сарчашмаҳои таърихии давр маълумот медиҳанд, ки забт кардани шаҳрҳои Осиёи Миёна аз ҷониби русҳо яке паси дигар, аз «ночорӣ» будааст ва гӯё русҳо дигар чорае надоштанд, ҷуз забт намудани қисми калони Осиёи Миёна [5, с.18].

Дар охири асри XV111 ибтидои асри XX, муносибатҳои дипломатии Аморати Бухоро ва Хониҳои Хӯқанду Хива бо ҳамсоякишварҳояшон Русия, Эрон, Афғонистон, Ҳинди Британия, Туркистони Шарқӣ, инчунин Туркияи Усмонӣ муносиботи мутақобилан судманд буда, ҳатто бо ҳамсояҳои шимолӣ, жузҳо ва дигар ақвоми иттиҳодияи қирғиз қайсақ рафту омади сафирон ва доду ситади мол ва ташрифи тоҷирон сурат мегирифтааст. Аммо, дар сиёсатҳои геополитикӣ ва минтақавии қудратҳои бузург, чун Русия, Британияи кабир ва Туркияи Усмонӣ дар асри ХУ111, ибтидои асри XX, ташаннуҷи муборизаҳои сиёсӣ миёни онҳо, хусусан миёни Русия ва Англия барои соҳиб шудан ба Осиёи Миёна, авҷ мегирифтанд. Пушида нест, ки Русия дар муносиботи сиёсӣ-дипломатии хониҳои Осиёи Миёна дар охири асри XV111 ибтидои асри XX, ҷойгоҳи калон дошт. Тоҷирон низ дар рушди муносибатҳои дипломатии хониҳои Осиёи Миёна бо мамолики ҳамҷавор дар охири асри XV111 ибтидои асри XX, накши муаайян доштанд. Зимни таҳқиқи масоили таърихнигории таърихи муносиботи байнидавлатии халқҳои Осиёи Миёна дар охири асри ХУ111 ибтидои асри XX, муаллифони сарчашмаҳои таърихӣ, ба омӯзиши осори гуногуни таърихӣ, мисли ёддоштҳои таърихии ашхоси гуногун, сафарномаҳо, қайдҳои сафар дар саҳифаҳои дафтари хотироти сафирон, тоҷирон, сайёҳон, асирони дур аз ватан монда ва ғайраҳо пардохтаанд, ки асоси мавзуи таҳқиқотии олимони таърихнигор гаштааст. Фаро гирифтани муҳтавои ҳама осори хаттӣ ва сарчашмаҳои бо хатти арабиасоси тоҷикӣ нигошта шуда, аз имконият берун аст. Лекин, ба қадри имконият аз ҳамаи сарчашмаҳои дастрас барои равшан намудани вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва муносиботи дипломатии кишварҳои Осиёи Миёна бо ҳамсоякишварҳо дар охири асри XV111 ибтидои асри XX, истифода кардан мумкин аст. Дар марказ қарор доштани Аморати Бухоро, онро ба як давлати пайвандкунандаи тамоми кишварҳои шимол ва ҷануб, шарқ ва ғарби Осиёи Миёна табдил намуда буд. Танҳо дар давраи ҳукмронии амирон Ҳайдар ва Насруллоҳ, пешравӣ ва муомилоти хуби тиҷоратиро бо ҳамсоягонашон, аз ҷумла бо Русия мушоҳида мекунем. Албатта, даврони султаронии бовиқори амирони сулолаи туркҳои манғит мисли пешина набуд. Ғайр аз ҷангҳои дохилӣ ва байнисулолавӣ, зиддиятҳои абарқудратҳо баҳри ба даст даровардани мавқеи стратегӣ дар аҳдофи геополитикияшон, амирони манғитро ба як бозичаи дасти бегонагон табдил дода буд. Амирони ҷоҳил бо артиши коҳили худ, дигар фурсати ба по хестан ва муҷаҳҳаз шуданро надоштанд, ки онро нигоштаҳои сарчашманигорони ватаниву хориҷӣ тасдиқ менамоянд. Пас аз ишғоли шаҳри Тошкант сентябри соли 1865 генерал губернатори Оренбург Н. А. Крижановский (1866 -1881) ба он ҷо ташриф овард. Аҳли ҷамоатчигии шаҳр, руҳониён ва тоҷирон аз ӯ хостанд, ки Тошкантро ба Русия ҳамроҳ намоянд. Ӯ ҷавоб медиҳад, ки алҳол ин амал ғайри имкон аст. Нахуст, шаҳр ҳамчун воҳиди маъмурии алоҳида, дар зери ҳимояи Русия хоҳад буд, изҳор менамояд ӯ. Зарур ба ёдоварист, ки пас аз воридшавӣ ба зерсултаи Русия, маҳз Крижановский Н.А. мухолифи ба амир додани ваколати соҳибихтиёрӣ дар умури сиёсати берунӣ дар аморат шуда буд [13, с.28]. Натиҷаи муборизаҳои ҳамешагии байнихудии Хӯқанду Бухоро ба он оварда расонд, ки русҳо аз имконияти ба даст омада истифода карда, Тошкентро соҳиб шуда буданд. Онҳо ишғоли Тошкентро туҳфаи илоҳӣ дар ҳаққи Русия медонистанд. Чунин амали русҳо, яъне ишғоли Тошкент, амири Бухоро Музаффархонро озурда сохт: ӯ бо 40 000 сарбоз ба сарҳади русҳо наздик шуд. Генерал Черняев 3- ҳазор сарбозашро ба пешвози артиши бухорогиҳо фиристод: натиҷааш чунин гардид, ки бухорогиҳо дар мавзеи Ирҷар (8-V- 1866) шикаст хӯрданд ва иловатан русҳо Хуҷанд (24 -уми май), Ҷиззах (20-уми июл) ва Уротеппа (18-уми октябр)-ро бо ҳамин баҳона соҳиб шуданд. Сарчашмаҳои таърихии русӣ иттилоъ медиҳанд, ки русҳо гӯё намехостанд сарҳади худро дар Осиёи Миёна васеъ намоянд, аммо

бо ҳар баҳона, маслан бо ҳимоя аз ҳуҷуми артиши номуназзами давлатҳои Осиёи Миёна, русҳо на танҳо худро дифоъ мекарданд, балки сарбозони амирро ба самти шаҳрҳои дохили аморат ақиб меронданд ва он ҷойҳоро низ соҳиб мешуданд. Бо чунин роҳ онҳо тавонистанд, ки бо ишғоли Хуҷанд, Ҷиззах, Уротеппа ва Каттақурғону Самарқанд мушарраф гардиданд. Ҳарчанд ки амири Бухоро ва атрофиёни ӯ муборизаҳои мусалаҳонаро барои бозпасгирифтани Тошкент, Ҷиззах, Самарқандро анҷом доданд, ҳама бенатиҷа ва бар зарари бухорогиҳо анҷом меёфт ва «болои сӯхта намакоб» гӯён, иловатан 500 ҳазор рубли русӣ тавони ҷангро мебоист ба русҳо бипардозанд. Дар охир амир Музафархон мубориза кардан бо русҳоро амали беҳуда донист ва хоҳони бастани шартномае шуд, ки ҷавобгӯи вазъи сиёсии ҳамон давра бошад. Масалан, А. Дониш дар ин хусус аз номи амир чунин менигорад: «Хулосааш он ки ман (Амир) ба ту (Русия) рафтанию итоат карданӣ, лекин аз элу улус ва уламои миллат метарсам» [1, с.24]. Таърихи сиёсии Туркистон, аз ҳамроҳшавӣ ба ҳайати Генерал Губернатории Оренбург (аз соли 1865), чун Генерал Губернатории Туркистон дар ҳайати ду вилоят: Сирдарё бо марказаш шаҳри Тошкент ва Ҳафтрӯд бо маркази Верний-Алмаатои имрӯза (аз 23-юми июли соли 1867), округи Зарафшон бо марказаш шаҳри Самарқанд, ки дар соли 1868 ҳамроҳ гардид ва он дар соли 1887 ба вилояти Самарқанд табдил ёфт, бо ишғоли хонии Хӯқанд аз ҷониби русҳо дар соли 1876, ба ҷои он вилояти Фарғона таъсис ёфт. Ҷолиби қайд кардан аст, ки тибқи Низомнома, зиёдаравӣ накардан ва эҳтиром гузоштан ба халқи маҳаллӣ, инчунин ба хизмати ҳарбӣ фаро нагирифтани ҷавонон аз сиёсатҳои ҷолиби фарққунандаи русҳо дар минтақа нисбат ба англисҳо дар Ҳинди Британия будааст. Дар оғоз, Ҳукумати Русия дар назди сарвари Генерал Губернатори Туркистон К.П.Кауфман (1867 – 1882) вазифаҳои масъулиятнокро гузошта буданд, аз ҷумла – барқарор кардани муносиботи дӯстона бо ҳамсоягон; ҷойгоҳи баланди Русияро дар минтақа пайдо кардан; тавассути иқдомҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ халқи маҳаллиро ба худ ҷалб намудан ва ғайра. Аммо ҳарбиёни рус, бештар бо роҳи зӯрӣ ва истифодаи силоҳ мехостанд бо халқҳои маҳаллӣ муносибат намоянд. Русҳо бо ишғоли ҳар як шаҳри Осиёи Миёна изҳор мекарданд, ки онҳо дар пайи ақибнишинӣ нестанд ва ақибнишинӣ кардани русҳо аз шаҳрҳои ишғолшуда дар назари мардуми мусулмони Шарқ тарсончакӣ ва ноуҳдабароии русҳоро нишон медод. Бозпас додани Тошкент ба Хӯқандиҳо ё пайвастани он ба Бухороро русҳо кори аблаҳона медонистанд ва намехостанд, ки заъфи худро нишон диҳанд. Афсари ҳарбӣ ва муаррих М. Терентьев бошад, сабаби асосии мудохилаи англисҳоро дар хониҳои Осиёи Миёна ҳар чи дуртар партофтани русҳо аз «Ҳинди гавҳаррез» медонист [5, с. 29].

Ниҳоят, дар соли 1876 русҳо хонии Хӯқандро тасхир ва онро дар харитаи сиёсӣ бо номи нав, яъне «вилояти Фарғона» дар ҳайати Генерал Губернатории Туркистон созмондиҳӣ менамоянд [14, с. 12].

Аз ҷониби дигар, русҳо кӯшиши обод кардани заминҳои тасхирнамудаашонро оғоз намуда буданд. Масалан, муҳаққиқони рус дар омӯхтани ҳамаи ҷанбаҳои муҳимми зиндагонии халқҳои Осиёи Миёна саҳми бузург гузоштаанд. Ба таври мисол, дар таҳқиқи забон ва фолклори мардуми Осиёи Миёна академик Радлов В. В, таъриху этнография ва фарҳанг В.В. Бортольд, Н.А. Даль, В. В. Вельяминова-Зернова, Г. Н. Потанина, Н. А. Аристова, Л. Н. Соболев, Д. Л. Иванов, Д. Н. Логофет, рассом В. В. Верещагин, санъати тасвирӣ В. В. Стасов ва дигарон саҳми назарраси худро гузоштаанд. Муносибатҳои байналхалқӣ ва иқтисодию тиҷоратӣ дар осори муҳаққиқони рус Иванин М., Мушкетов И. , НаливкинВ., Соболев П., Сухарева О. , Шепелев А. зикр ёфтаанд. Олимон ва муҳаққиқони рус на танҳо ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни халқҳои Осиёи Миёна пардохта буданд, балки дар сарзаминҳои зери нуфузи англисҳо низ фаъолият бурда, назари худро ба фарқиятҳои сиёсати осиёгии ҳукумати рус ва англисро дар осорашон зикр мекардан. Русҳо бо баҳонаи ба танзим даровардани сарҳадоти ҷанубии хеш, дар миёнаҳои асри X1X худро то сарҳадоти шимолии хониҳои Осиёи Миёна расонданд. Хониҳои Осиёи Миёна, ки ҳамон вақт дар мисоли аморати Бухоро, хониҳои Хӯқанд ва Хива амал мекарданд ба часпу талоши байниҳамдигарӣ машғул буданд. Хадамоти иктишофии русҳо онҳоро назорат мекарданд ва дар пайи ҳамла ба ин сарзамин буданд. Аммо, ҳайҳот, ки дар миёни ҳукуматдорони ин сарзамин, ҳамон тавре ки аллома Аҳмади Дониш зикр кардааст «чашми бино ва гӯши шунаво» -е боқӣ намонда буд [1, с. 98].

Дар замони ҳукмронии Петри 1 намояннлаи махсус оид ба самти Осиёи Миёна Иван Кирилович Кирилов таъин шуда буд. Маҳз ӯ барномаҳои мушаххаси фаъолияти сафирон, ҷосусон ва сафоратҳои ҳарбиро ба самти Осиёи Миёна муайян ва сафарбар мекард ва ба император пешниҳод мекард. Дар яке аз гузоришоти худ, ӯ ба шоҳи рус бо забони асл чунин менигорад: «Бодокшанская (Бадахшан) провинция нужна в Российское владение для многова в ней имеюшегося богатства, что золота, лалов, лапис, лазури в ней довольно...и такова богатова места

своему опасному соседу отдавать не надлежить. А лутче б через чюжие войски (киргиз – кайсаков) – достать... так как из Америки гишпанцы (испанцы) и португальцы получают, сюда вывозить, что при добром начале…без движения больших российских войск исполнитца может…» [4, с. 233].

Муҳаққиқони осори таърихии давлати Русия пинҳон намедоранд, ки русҳо якчанд мақсади соҳиб шудан ба Осиёи Миёнаро доштанд. Инҳо пеш аз ҳама, назорат ба манъи ғуломфурӯшӣ, соҳиб шудан ба сарзамини аз ҷиҳати канданиҳои фоиданок бойи Осиёи Миёна буд, ки дар интизори корчаллонҳои рус буданд. Ривоҷ додани пахтакорӣ дар хониҳои Осиёи Миёна ва алтернативаи пахтаи Амрико гардондани пахтаи арзони Осиёи Миёнаро ҳар як руси тоҷир орзу мекард. Чунки саноати аз ҳама пешрафтаи русҳо, ин саноати сабук ва бофандагӣ буд. Вале, нигоштаҳои муҳаққиқини рус дар хусуси «...мо (русҳо) бе меваҳои хушки осиёгиҳо зиндагӣ карда метавонем, онҳо бошанд (осиёгиҳо) бе маҳсулоти мо наметавонанд» ба ҳақиқат рост намеомад . Ҳамон тавре ки зикр гардид, дар бозорҳои Осиёи Миёна ғуломони рус қиммати зиёд доштанд. Аз ин рӯ, ишғоли шаҳрҳои Осиёи Миёнаро русҳо бо шурӯ шавқ ва намунаи интиқом гирифтан аз аъмоли пешинаи хонҳо ва амирони Осиёи Миёна медонистанд. Аз самти дигар, ободкориҳо, дар сарзамини ишғолии русҳо назаррас буд. Муҳаққиқ Орановский чунин менигорад: «Беш аз 10 сол шудааст, ки вилояти навтаъсиси Фарғона дар ҳайати ГГТ аллакай ба чунин пешравиҳо расидааст. Агар Аморати Бухоро ҳам (қисмати Бухорои Шарқиро дар назар дорад) дар солҳои аввали таъсисёбии ГГТ ба ихтиёри Русия ворид мегардид, аҳволи мардумаш ба пастӣ намерасид, ки мо имрӯз (с.1892) шоҳиди он ҳастем» [6, с. 122].

Бо шарофати истиқлолият касб кардани Тоҷикистони азиз, сарзамини тоҷикон аз ҳама гуна фишору тазйиқи империяҳои минтақавию фароминтақавӣ раҳоӣ пайдо кард ва имрӯзҳо, мардуми тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ, пайи ободкориву созандагӣ машғул мебошанд.

## АДАБИЁТ:


1. Дониш, Аҳмад. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития/А.Дониш.- Душанбе, 1999.- 98 с
2. Добромыслов, А.Материалы по истории России/А.Добромыслов/ Материалы по истории России Т.1.Оренбург, 1900, с. 165
3. Ежегодник Ферганской долины.Обзор Ферганской области. ч.2, Новый Маргелан.1903 г.
4. Медведев, А. Война империи/ Тайная история борьбы Англии против России/А.Медведев.-М., 2017.- с.721
5. Терентьев,М.А.Россия и Англия в Средней Азии/М.А.Терентьев.- Спб 1875.- с.29
6. Терентьев, М. А.История завоевания Средней Азии// Терентьев.М. А.- т.1.СПБ, 1906u
7. Шепелев, А. Очерк военных и дипломатических сношений России со Средней Азией до начала XIX столетия/А.Шепелев//Средняя Азия. Альманах -Ташкент, 1895
8. Ханыков, Н.В. Экспедиция в Хорасан/Н.В.Ханыков.-Москва: Наука, 1973 г.
9. Чабров, Н.Г. Поездка в Бухару переводчика. П.И. Демезона (1833-1834гг.)/Н.Г.Чабров //Труды САГУ, Вып. XCIV, 1957 г.
10. Мирза Садик Мунши. ФутухотиАмиримаъсумва Амир Хайдар. Пись.экз..ИВ АН РУз, № 3686
11. Мунис и Огахи. Фирдаусуль Икбал. Хивинская история//Очерки Муниса и Огахи, рукопись.изд. ИВ АН СССР, вып. II, М.-Л., 1938.-с.12.
12. Мустаҷир Абдураҳмон. Рӯзномаи сафари Искандаркул. (Мустаджир Абдуррахман. Путевой днев. Искандаркуля. )Душанб, 1989, с.163
13. Туркестанский сборник сочинений и статей, относяшихся к Средней Азии и Туркестанскому краю в особенности. Составитель Межов В.И.Т.1-150.СПб., 1878.
14. Туркестанский сборник сочинений и статей, относящихся к Средней Азии вообще, Туркестанскому краю в осебенности (ч.1-150). ч.2, //Ежегодник Ферганской долины.Обзор Ферганской области.Новый Маргелан.1903г.
15. Хаким-хан Мухаммад. Мунтахаб-ат-таварих(«Извлечения из летописи»). Введение и прим. А. Мухтарова.-Душанбе, 1983г


## REFERENCES:


1. Donish Ahmad. A treatise or a summary of the history of the kingdom of the Mangitian dynasty (Ed. Daler). - Dushanbe, 1999. - 98 p.
2. Dobromyslov, A. Materials on the history of Russia/A.Dobromyslov/ Materials on the history of Russia T. 1. Orenburg, 1900, P. 1654.
3. Yezhegodnik Ferganskoy doliny. Obzor Ferganskoy oblasti. Novyy Margelan. 1903.
4. Medvedev, A.Woare empire. / A. Medvedev. Woare empire. Secret history of the struggle between England and Russia. M., 2017.- P. 721.

5. Terentyev, M.A. Russia and England in Central Asia. Spb 1875.- P. 29.
6. Terentyev, M.A. History of battles in Middle Asia, vol. 1. SPB, 1906.
7. Shepelev A. Essay on military and diplomatic relations between Russia and Middle Asia until the beginning of the 19th century // Srednyaya Asia. Almanac - Tashkent, 1895.
8. Khanikov N.V. Expedition to Khorasan. -Moscow: Nauka, 1973.).
9. Chabrov N.G. Train to Bukhara and translator. P.I. Demezona (1833-1834) //Trudy SAGU, Vyp. XCIV, 1957.
10. Mirza Sadiq Munshi. Amir Maasum and Amir Haidar's Futukhoti. Pis.ekz..IV AN RUZ, No. 3686
11. Munis and Ogahi. Firdausul Iqbal. Khivinsky history, // Essays of Munisa and Ogahi, rukopis.izd. IV AN USSR, vyp. II, M.-L., 1938. P. 12.
12. Mustadjir Abdurrahman. Iskandarkul travel diary. (Mustadjir Abdurrahman. Road day. Iskandarkulya.) Monday, 1989. P. 163
13. Turkestans collection of essays and articles related to the Middle East and Turkestan region, compiled by Mezhov V.I.T.1-150.SPb., 1878.
14. Turkestans collection of writings and articles related to the Middle East, Turkestan region and trauma" (ch. 1-150). Ch. 2//Yezhegodnik Ferganskoy doliny. Obzor Ferganskoy oblasti.Novyy Margelan. 1903.
15. Hakim Khan Muhammad. Muntahab-at-tavarih ("Izvlekeniya iz letopisi"). Introduction and introduction. A. Mukhtarova.-Dushanbe, 1983.